# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи **Бозоров Хушвахт** “Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)).

Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи **Бозоров Хушвахт** “Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ” баҳри таъмини низоми босифати таълим ва омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба анҷом расонида шуда, ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) мутобиқати комил дорад.

Солҳои охир дар робита ба самтҳои афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумати Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим аз масъалаҳои асосии мактабу маориф маҳсуб меёбад. Дар ин росто таҳқиқотҳои бунёдӣ ва, хоса, методӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо донишу маҳорат, малакаю салоҳиятҳои ногузир омода кардан, дар заминаи хуб ва дар сатҳи баланд донистани забони модарӣ, ки сарчашмаи омӯзиши фанҳои гуногун дар мактаб аст, ба ахаммияти хеле бузург соҳибанд. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи унвонҷӯ Бозоров Хушвахтро пажӯҳиши воқеан ҳам муҳим, зарур ва авло мешуморам.

Ғояи ба забономӯзӣ, ба сифати таълиму тарбия аҳаммияти зарурӣ додан ҳамасола дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумон ва кулли мардуми Тоҷикистон барҷаста ва таъкидан зикр мегардад. Чунин

гузориши масъала ва ҳидоятҳои ҳаётан муҳимми сарвари муаззами мамлакат амри воқеист, зеро пешрафти ягон кишварро бе пешрафти илму маориф ва, хосатан, донистани забони модарӣ (забони давлатӣ) ва фарҳанги миллӣ тасаввур кардан берун аз имкон аст.

Аз ин лиҳоз, баррасӣ ва коркарди асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ, роҳандозӣ кардани шакл ва усулҳои пешқадами таълим ва омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, мураттаб сохтани маҷмуи васоити таълимию методӣ, пешниҳоди роҳу усули самарабахш дар ин самт аз масъалаҳои мубрам ва муҳим маҳсуб меёбад.

Дар кори диссертатсионии унвонҷӯ Бозоров Хушвахт омӯзиши забони модарӣ ба хотири ташаккул ва рушди зеҳнӣ, фаъолмандии инфиродӣ тавассути вусъат бахшидан ба ҷидду ҷаҳди мустақилона аз бар кардани дониш, маҳорат ва малакаи талабагони синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим арзёбӣ шудааст. Андешаи муаллифи рисола дар хусуси он, ки забони модарӣ сароғози ҳама гуна пешравиҳост, сарчашмаи донишу хирад, ҳикмат ва ҳидоятҳост. Бино бар гуфтаи муаллифи рисола, дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, бахусус, дар дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба ин сифатҳо фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот бо он арзёбӣ мегардад, ки дар замони муосир мутобиқ ба талаботи давру замон хонандагонро дар заминаи донишҳои хуби бунёдӣ ва амалӣ ба ҷаҳони фикр кардан, таҳлил кардан, хулоса кардан, рушд ёфтан, фикри хешро мустақилона баён карда тавонистан самти асосии раванди таълиму тарбия аст. Аз бар намудани қоидаву қонунҳои забонӣ як тарафи масъала бошад, тарафи дигари он ташаккули маҳорати нутқ кардан, ба муошурати озод ва бамантиқ ноил шудан мебошад. Вазифа аз он иборат аст, ки талабагонро аз давраҳои

нахусти таҳсил дар мактаб ба мустақилона кор кардан, фаъолияти омӯзишӣ ва таҳлилӣ пайдо кардан бояд равона кард, то шогирдони босавод ва дорои сифатҳои баланди зеҳн, маърифат, маънавият дар заминаи рушди тафаккури эҷодӣ тарбият ва парвариш ёбанд.

Унвонҷӯ ба дарёфти консепсия ва равиши илмӣ-методии таҳқиқот аз манзари **фарзияи** асоснок муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола, таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ вақте самарабахш мегардад, ки **агар** омӯзгорон дар раванди таълим ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф, махсусан, стандарт, барнома, нақшаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд; омӯзиши забон бо роҳи истифодаи технологияҳои муосири таълим ба назар гирифта шавад; заминаҳои педагогӣ-психологии фаъолмандӣ ва вусъати кори мустақилона дар ташаккули зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба эътибор гирифта шавад.

Дар диссертатсия ғояи асосии муносибати босалоҳият ба таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ тариқи дар амал истифода бурдани дониш, малака ва маҳорати парваридаи талабагони хурдсоли мактаб арзёбӣ шудааст, ки комилан дуруст аст. Низоми мазкур солҳои охир дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва рушд ёфта, афкору ақидаи дастандаркорони соҳаи илму маориф, пажуҳишгарон, муҳаққиқон ва устодону омӯзгоронро ба татбиқи амалии ин навгонӣ, ки ба рушди фаъолияти мустақил, зеҳнӣ-маърифатии мактабиён нигаронида шудааст, падидаи нав маҳсуб ёбад ҳам, пойдор ва устувор мегардонад.

Чуноне ки муаллиф дар диссертатсия изҳор медорад, яке аз тадбирҳои басо муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим мебошад. Дар робита ба ин икдом Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст) талаб менамояд, ки ба

татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, ки ба рушди малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ) нигаронида шудааст, диққати асосӣ дода шавад.

Унвонҷӯ мутмаин аст, ки ҳангоми муносибати босалоҳият ба таълим саволҳои “Хонанда чӣ кор карда метавонад?”, “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ҷавоби худро меёбад. Дар муносибати босалоҳият ба таълим дониш ҷузъи таркибии малака маҳсуб ёфта, барои санҷидан, муқоиса кардан (бо намуна) ва ислоҳи ғалатҳо истифода мешавад.

Муаллиф дуруст зикр мекунад, ки ҳангоми иҷрои кори мустақилона диққати асосӣ ба ҷиҳати амалии азхудкунии дониш, малака ва маҳорат равона шуда, мақсад омода кардани хонандагон ба ҳаёти мустақилона мебошад. Барои ин ба назар гирифтани донишҳои заминавии хонандагон, мувофиқ будани машқҳои амалӣ ва вусъати кори мустақилона ба хотири инкишофи зеҳнии онҳо, баландравии сатҳи дониш ва қобилияти талабагон аз ҳадафҳо ва амалҳои зарур аст.

Чунончи, унвонҷӯ собит кардааст, ки иҷрои кори мустақилона дар хонанда ҳавасмандиро ба вуҷуд оварад. Яъне, раванди дарсҳои забони модарӣ ба рушди бомароми зеҳнию нутқӣ мусоидат карда, хонандагон барои аз худ намудани асосҳои дониш рағбат пайдо мекунанд.

Боиси зикр ва тавсифи унвонҷӯй аст, ки амсилаи пешниҳодкардаи муаллиф дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба ташаккули на танҳо салоҳияти забонӣ ва рушди тафаккури нутқ, балки бештар ба фаъолмандии талабагон дар самти инкишофи зеҳнӣ-маърифатии онҳо роҳи васеъ мекушояд.

Таҳқиқоти мазкур бо барномаи дурнамои илмии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб таҳти унвони «Баланд бардоштани сифати таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилот» робитаи қавӣ дошта, дар

доираи “Стратегияи миллии рушди таҳсилот дар Тоҷикистон то давраи соли 2030” ба иҷро расидааст.

Таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти амиқи назариявию амалӣ буда, бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими забони модариро дар синфҳои ибтидоӣ дар заминаи ташаккули фаъолияти мустақилона ва инкишофи зеҳнии талабагон дарбар мегирад.

Муаллифи диссертатсия дар заминаи ҳадафи таҳқиқот ва фарзияи муқарраршуда ҳалу фасли проблемаҳои муҳимро бобати дарёфти роҳу усули самараноки таълими забони тоҷикӣ дар заминаи матнҳо ва машқҳо пеш гирифта, бо таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам тавассути омӯзиш ва таҳлили адабиёти методӣ, педагогӣ ва психологӣ ба ташаккули салоҳиятмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муваффақ шудааст. Чунин услуби таҳкик ва пажуҳиш ҳалли муваффақонаи масъаларо ба қатори арзишҳои муҳимми рисолаи мазкур гузоштааст.

Дараҷаи навгонӣ ва натиҷаҳои дар кори диссертатсионии мазкур бадастомада, нуктаҳои асосии илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, қобили зикр ва эътибору арзёбӣ мебошанд. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, хулосаву тавсияҳои илмӣ-амалии пешниҳоднамудаи муаллиф бозгӯи онанд, ки ӯ ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштаро пурра ҳаллу фасл кардааст ва дар ин росто фарзияи илмии муқарраршуда тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, таҳлилу баррасии ғояи илмӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда нуктаҳои муҳимро собит месозанд. Аз ҷумла, усулҳои муосири ташаккули фаъолияти мустақилонаи талабагон ба хотири рушди салоҳияти зеҳнӣ ва нутқи онҳо асоснок гардида, талабот ва ҷанбаҳои педагогии малакаи фаъолияти мустақилона дар омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи

нерӯи фикрӣ-зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ аниқ карда шудааст. Зикр мегардад, ки шаклҳои инноватсионии фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ аз ҳадафҳои асосии таълим ва омузиши забони модарӣ маҳсуб меёбад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** низ қобили зикр ва эътироф аст, зеро муаллиф муваффақ шудааст, ки ҷанбаҳои педагогӣ ва методии ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоиро ҳангоми омӯзиши забони модарӣ муайян карда, собит кардааст, ки пайдарпайии роҳу пешниҳодҳои дар рисола истифодашуда ба болоравии сатҳи дониш мусоидат намуда, имконият дод, ки ҳангоми иҷрои кори мустақилона қобилияти зеҳнию нутқии талабагон рушд ёфта, дониши назариявии андӯхтаи онҳо дар амалия татбиқ гардида, вусъати салоҳияти забонии мактабиён дар сатҳи талаботи барномаи таълим ба даст ояд.

Натиҷаҳои бадастомада дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии минтақаи Кӯлоб роҳандозӣ шудааст. Истифодаи маҷмуи усулҳои ҳамкорӣ (интерактивӣ)-и ба мавзуъ ва масъалаҳои пажуҳиш дахлдор дар фаъолияти мустақилонаи хонандагони шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Муъминобод ва Шамсиддин Шоҳин татбиқи худро пайдо кардааст.

Истифодаи такрории натиҷаҳо дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, исботи фарзияи пажӯҳиш, иштироки шахсии муаллифи рисола дар кори таҷрибавӣ-ҷустуҷӯйӣ, ҳамчунин, таҳлили хушсифати маълумоти бадастомада оид ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон таъмин гардид.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани сифати таълими забони модарӣ дар

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, минҷумла, синфҳои ибтидоӣ истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи методикаи таълими забони тоҷикӣ, педагогика, психология қарор гиранд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ**

Унвонҷӯ адабиёти илмӣ, аз ҷумла, корҳои илмии методистҳо, педагогҳо, психологҳо, забоншиносони ватаниву хориҷиро чуқур омӯхта, афзалиятҳои пурарзиши таълим ва омӯзиши забони модариро дар синфҳои ибтидоӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он васф мегардад, ки консепсияи методии пешниҳодшуда дар асоси таҳлилу ҷамъбасти ғояҳои методологии таълим, принипҳои дидактикӣ ва ҷанбаҳои психологӣ, корҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ коркард ва корбаст шудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои боэътимоди методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, илмҳои педагогика ва психология, тафсир ва тавзеҳоти мафҳумҳои асосӣ, истифода аз усулҳои интегратсия ва дифференсисатсия, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кулоб, ҷаласаҳои муштараки кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик муҳокима ва мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ, ки солҳои 2018-2024 дар Донишгоҳи давлатии Кулоб, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалии баргузоршуда ироа шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз руйи мавзуи диссертатсия зиёда аз 45 мақолаву дастурҳои илмӣ-методӣ, аз ҷумла, 22 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 номгӯй аз онҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд. Ба ин радиф монографияи унвончӯро низ ворид кардан салоҳ ва қобили зикр аст.

Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Чунончи, тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода мекунад ва тасаввуроти амиқро оид ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф собит месозад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо услуби илмии забони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ баровардa шудааст.

Асосҳои илмӣ-методии таҳқиқоти Бозоров Х. мушаххас, боэътимод ва боварибахшанд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби

назариявӣ ва амалӣ намоён карда, қобилияти хешро дар таҳлилу таҷзияи натиҷаҳои таҳқиқот собит месозад, ки он ҳама аз ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами диссертатсия шаҳодат медиҳад.

Заминаи эмпирикӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҳар як давраи иҷрои кор, мантиқи афкор ва андешаҳои муаллифи рисола, забони илмии диссертатсия ба талабот пурра ҷавобгӯ мебошанд.

**Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада**

Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин кардаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-методӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия комилан мувофиқ аст ва тасаввуроти мушаххасро оид ба моҳияти таҳқиқоти мазкур инъикос менамояд. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати Бозоров Хушвахт аз камбудиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия манфиатбахш хоҳад шуд:

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

1. Дар рисола таҳлили фаъолияти омӯзгорони забони модарӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чандон равшан ба мушоҳида нарасид. Хуб мебуд, агар унвонҷӯ фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои фаъолияти омӯзгорони ин фан, сатҳ ва дараҷаи забономӯзии талабагони синфҳои

ибтидоӣ, доираи истифода аз роҳу усули пешқадами таълими забони модарӣ мавриди тахлил ва муқоиса қарор мегирифт.

2. Хуб мебуд, агар дар рисола таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни "Забони модарӣ"-и синфҳои ибтидоӣ таҳлил ва арзёбӣ мегардид, зеро чунин амал ба муаллиф имкониятҳои бештарро дар мавриди ҷӯстуҷуи роҳу усулҳои пешқадами таълиму тадрис фароҳам меоварҷ.

3. Хуб мебуд, агар дар рисола як фасли алоҳида ба роҳу усули луғатомӯзӣ бахшида мешуд, ҳарчанд ки муаллиф ҷо-ҷо ба ин мавзуъ дахолат ҳам кардааст.

4. Ба назари мо, муаллиф оид ба роҳу усули машқҳои характери муколамадошта бештар диққат медод, зеро дар илми методикаи таълими забон ташкили диалог (муколама) аз воситаҳои самараноки рушди нутқи хонандагон пазируфта шудааст.

5. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

6. Дар автореферати диссертатсия низ ҷо-ҷо хатоҳои техникӣ, китобатӣ ва имлоӣ дучор мешаванд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Диссертатсияи Бозоров Хушвахт кори баанҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расидааст. Унвонҷӯ ба ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ноил шуда, вазифаҳои дар рисолаи илмӣ гузошташуда пурра ҳалу фасл ёфтаанд ва дар ин равия фарзияи таҳқиқот тасдиқи комили худро пайдо кардааст.

Диссертатсияи **Бозоров Хушвахт** "Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 -

Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферати ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бозоров Хушвахт сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи таълими
забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи
байналмиллалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Шербоев Саидбой**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734064, ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадлиев, 17/6
**Телефон:** (992) 90 822 55 59 (моб.).
**Почтаи электронӣ:** snegmasi22@gmail. com

Имзои С.Шербоевро тасдиқ мекунам:
Сардори идораи кадрҳо ва қисми махсуси
Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

7.12.24